Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (суроға: ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj , info@iutet.tj)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзӯи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод шудааст.

Дар шароити рушди иқтисоди миллӣ ва густариши муносибатҳои бозорӣ масъалаи ташкили самараноки фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа табдил ёфтааст. Самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва мутобиқсозии истеҳсолот ба талаботи бозор аз сатҳи ташкили фаъолияти маркетингӣ вобастагии зич доранд. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобнамудаи муаллиф дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки унвонҷӯ масъалаҳои таҳқиқшавандаро бо такя ба доираи васеи адабиёти илмӣ, стратегияву барнома, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маълумоти оморӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, хулосаҳои пешниҳодшуда мантиқан бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Дар автореферат масъалаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз назарияҳои муосири иқтисодӣ ва осори олимони маъруфи ватанию хориҷӣ асосҳои илмии рушди агромаркетингро таҳлил намуда, хусусиятҳои татбиқи онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. (С.10-12)

Дастоварди дигари муҳими муаллиф аз он иборат аст, ки вазъи воқеии рушди соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти маркетингии субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ арзёбӣ шудааст. Дар рафти таҳлил омилҳои маҳдудкунандаи рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ муайян гардида, барои бартараф намудани онҳо хулосаҳои мушаххаси илмӣ манзур шудаанд. (С. 14-16)

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дорои навгонӣ буда, ба такмили механизми идоракунии фаъолияти маркетингӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ ва истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ равона шудаанд. Пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд барои баланд бардоштани

рақобатпазирии истеҳсолкунандагон, рушди инфрасохтори бозори аграрӣ ва беҳтар намудани сиёсати маркетингии корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат намоянд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф барои фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, сохторҳои соҳавӣ ва субъектҳои хоҷагидории аграрӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳои фаъолияти маркетинги аграрӣ метавонанд истифода шаванд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати диссертатсия чунин норасоиҳо ҷой доранд:

1. Хуб мебуд агар унвонҷӯ вазъи фаъолияти маркетингиро дар якчанд субъектҳои хоҷагидории аграрӣ ба таври мушаххас арзёбӣ менамуд;
2. Зимни таҳқиқот унвонҷӯ масъалаи ташкили шуъбаи маркетингиро дар сарраёсатҳои кишоварзии ҳудуди мамлакат баррасӣ мекард арзиши илмии кори илмӣ боз ҳам баланд мегардид.

Эроди боло зикр хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии таҳқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳои он таъсири манфӣ намерасонад.

Хулоса, дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба меъёрҳои талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ буда, дорои натиҷаҳои илмию амалӣ ва мазмуни кори диссертатсиониро пурра инъикос менамояд. Бо дарназардошти ин муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва
фаъолияти биржавии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

Имзои Мирсаидов С.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов,
64/14. Тел.+ 992 7802994
**E-mail: surush-sa@mail.ru**